Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мусодираи молу мулк яке аз ҷазоҳои сангин ба шумор меравад, ки таърихи танзими ҳуқуқии он дар Тоҷикистон ба замони Шӯравӣ бармегардад. Маълум аст, ки дар замони Шӯравӣ қонунҳои зиёде дар зимни кодексҳои ҷиноятӣ дар робита ба ин навъи ҷазо ба тасвиб расидааст, вале бо соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иинкишофи рӯзафзуни муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати баррасӣ ва бознигарии танзими ҷазои мазкурро ба миён овардааст, ки ин, пеш аз ҳама, аз мубрамияти таҳқиқ ва навгонии он дар доираи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дарак медиҳад.

Воқеан, Зокирзода З.Х. тавонистааст, ки дар доираи автореферати диссертатсия мусодираи молу мулкро ҳамчун як намуди ҷазо ба баррасии илмӣ кашидаву бо хулосагириҳои мантиқӣ пешниҳодҳои муфиду саривақтӣ намояд. Боварӣ дорем, ки пешниҳодҳо ва дар умум дастовардҳои илмии диссертант дар таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазо аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд.

Дар муқаддимаи автореферат диссертант дар мавриди мубрамият, дараҷаи таҳқиқ, сарчашмаҳо, навгонӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсия ва дигар паҳлуҳои илмие, ки зикраш дар муқаддима зарур аст, ишора намудааст.

Автореферати диссертатсияи Зокирзода З.Х. аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ набуда, диссертант такя ба сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷ, истифодаи омори иҷроиши мусодираи молу мулк барои солҳои 2012-

2020 аз Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омори таъйини мусодираи молу мулк аз Раёсати омори судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2019, инчунин, дар байни 200 корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва зиёда аз 1250 шаҳрванд гузаронидани пурсиш оид ба мавзӯи мавриди назар арзиши илмии диссертатсияро бисёр баланд намудааст.

Илова бар ин, бо баррасии таърихи мавзӯи мавриди таҳқиқ ва дар муқоиса қарор додани ин намуди ҷазо дар Кодексҳои ҷиноятии замони Шӯравӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил диссертант тавонистааст, то дастовардҳо ва камбудҳои қонунгузориҳоро дар ин самт таҳлилу баррасӣ намояд.

Пешниҳодҳо барои тағйиру илова ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди танзими ҷазои мусодираи молу мулк, хусусан, иваз намудани истилоҳот, бе шак, аз муҳимтарин дастовардҳои илмии диссертант ба шумор меравад. Масалан, аз пешниҳоди диссертант: «Дар Қ. 5, м. 57 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «талофӣ гардидани» ба калимаи «ҷуброни» иваз карда шавад. Чунки зарари ба соҳиби қонунӣ расонидашуда ҷуброн мегардад, на талофӣ. Истифодаи калимаи «ҷуброн» фаҳмо ва муназзам ба назар мерасад. Ҳамчунин, калимаи «талофӣ», ки дар қ. 6, м. 57 ҚҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ба калимаи «ҷуброн» иваз карда шавад» [с.11-12] бармеояд, ки ҳанӯз дар бахши истилоҳофаринӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ корҳои зиёде бояд кард, зеро ҳар қадар истилоҳ дақиқу дур аз ҳама духӯрагӣ бошад, ҳамон қадар ба адолати судӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари паҳлуҳои мусбати автореферати диссертатсия камбудии зерин ба мушоҳида расид, ки ин қимати автореферати диссертатсияро дар маҷмуъ коста намегардонад:

1. Муаллифи автореферати диссертатсия дар таҳқиқоти худ таърихи мусодираи молу мулкро ба ду давраи таърихӣ: шӯравӣ ва муосир ҷудо намудааст. Хуб мебуд, ки агар муаллифи автореферат мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятиро то давраи Ҳокимияти Шӯравӣ низ мавриди таҳлил қарор медод.

Таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Сарходими илмии Шуъбаи Шарқи
Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши
масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Назарзода Н.Ҷ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 3. Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел.: (+992 237) 221-04-77. E-mail: nosir.nazarov@List.ru. Web-site:www.osiyoavrupo.ru

«Имзои Назарзода Н.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам»
Нозири калони кадрҳо ва коргузории
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ Одинаев А.С.
«26» июни 2020